# Ҳар чизе, ки масткунанда бошад, ҳаром аст

Аз Абубурда аз падараш Абумусои Ашъарӣ ривоят аст: Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ӯро ба тарафи Яман фиристоданд ва дар бораи баъзе аз нӯшиданиҳое, ки дар он ҷо сохта мешуд, аз эшон пурсиданд, ки чистанд онҳо? Гуфт: ал-Битъ ва ал-Мирз аст. Ва ба Абубурда гуфт: "ал-Битъ чист?" Гуфт: Оби асал ва ал-Мизр оби ҷав. Сипас Фармуданд: "Ҳар чизе, ки мастӣ биёварад, ҳаром аст". Ривояти Бухорӣ. Ва Муслим низ онро ривоят кардааст, ки лафзаш чунин аст: Гуфт: Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ман ва Муъозро ба Яман фиристод. Ман гуфтам: Эй Расули Худо! Дар сарзамини мо нӯшокие ҳаст, ки ба он «мизар» мегӯянд, ки аз ҷав сохта мешавад, ва нӯшокие ҳаст, ки «битъ» ном дорад ва аз асал тайёр мешавад. Пас Расулуллоҳ (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ҳар нӯшокие, ки маст кунад, ҳаром аст". Ва дар ривояти дигар аз Муслим омадааст, ки: Пас гуфт: "Ҳар он чи инсонро аз намоз боздорад ва маст кунад, ҳаром аст". Ва дар ривояти дигар аз Муслим омадааст: Расули Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ки суханҳои пурмазмунро бо кӯтоҳгӯӣ ифода мекард, фармуд: "Ман аз ҳар масткунандае, ки инсонро аз намоз боздорад наҳӣ мекунам".

[Саҳеҳ] [رواه البخاري ومسلم]

Абумусои Ашъарӣ (разияллоҳу анҳу) хабар медиҳад, ки Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ӯро ба Яман фиристод. Ӯро (Паёмбарро) дар бораи нӯшокиҳое, ки он ҷо таёр мекунанд, пурсид, ки оё он нӯшокиҳо ҳаром ҳастанд ё ҳалол. Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ин бораи он нӯшиданиҳо тавзеҳ хост. Абумусо (разияллоҳу анҳу) гуфт: Он нӯшиданиҳо яке "битъ" мебошад, ки аз асал таёр мешавад ва дигарӣ "мазр", ки аз ҷав таёр мешавад. Пас, Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам), ки аз суханони фарогир ва кӯтоҳ баҳраманд аст, фармуд: "Ҳар чизи масткунанда ҳаром аст".

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/66536